# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Сулаймонзода Рустами Неъматуло ба яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами илми муосири криминалистика бахшида шудааст. Дар шароити муосир, ки тарзу усулҳои содир ва пинҳон намудани ҷиноятҳо торафт мураккаб гардида, истифодаи технологияҳои нав ва шаклҳои гуногуни муқовимат ба фаъолияти тафтишотӣ афзоиш меёбад, масъалаи такмили асосҳои назариявӣ ва амалии истифодаи усулҳои тактикӣ аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ касб намудааст. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки мушкилоти назариявии истифодаи усулҳои тактикиро бо дарназардошти амалияи муосири фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавриди омӯзиш қарор дода, роҳҳои такмили онҳоро пешниҳод намояд.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф таҳқиқоти худро дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи усулҳои тактикӣ ба роҳ мондааст. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот бо мавзӯи интихобшуда мутобиқ буда, барои ҳалли онҳо маҷмуи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси илмӣ истифода шудаанд. Заминаи назариявии таҳқиқотро осори олимони ватанию хориҷӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҷрибаи мақомоти тафтиши пешакӣ ва прокуратура ташкил медиҳад, ки ин ба асоснокии натиҷаҳои илмии бадастомада мусоидат кардааст.

Яке аз бартариҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф мафҳум ва моҳияти усули тактикиро аз нигоҳи муосири илмӣ мавриди таҳлил қарор дода, ҷанбаҳои назариявии онро бо талаботи амалияи тафтиши ҷиноятҳо алоқаманд намудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот вобастагии интихоби усули тактикӣ аз вазъияти мушаххаси тафтишӣ асоснок гардида, зарурати истифодаи илман асосноки чунин усулҳо нишон дода шудааст. Ин равиш барои такмили назарияи тактикаи криминалистӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Ҳамзамон, дар автореферат масъалаҳои асосҳои методологии истифодаи усулҳои тактикӣ ва ченакҳои қобили қабул будани онҳо мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф асоснок менамояд, ки самаранокии усулҳои

тактикӣ танҳо дар ҳолати мутобиқати онҳо ба талаботи қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ, дастовардҳои илмӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ таъмин мегардад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои истифодаи усулҳои тактикӣ дар доираи як таҳқиқоти мустақили диссертатсионӣ ба таври мукаммал мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Муаллиф таснифи нави усулҳои тактикиро пешниҳод намуда, ченакҳои қобили қабул будани истифодаи онҳоро муайян ва мафҳуми қарори тактикиро аз нуқтаи назари криминалистика такмил додааст. Натиҷаҳои илмии пешниҳодшуда барои рушди назарияи криминалистика ва такмили фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аҳаммияти муайян доранд.

Ҷиҳати дигари мусбати таҳқиқот дар он аст, ки аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада ба таври возеҳ нишон дода шудааст. Пешниҳодҳои муаллиф метавонанд барои такмили фаъолияти мақомоти тафтиши пешакӣ, рушди фаъолияти таълимӣ, инчунин такмили амалияи истифодаи усулҳои тактикӣ дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо истифода шаванд. Саҳми шахсии довталаб низ дар таҳияи хулосаҳои илмӣ, пешниҳоди тавсияҳои амалӣ ва таҳияи масъалаҳои баҳсталаби назариявӣ равшан инъикос ёфтааст.

Ҳамзамон, дар автореферат баъзе масъалаҳое ба назар мерасанд, ки метавонанд хусусияти баҳсталаби илмӣ дошта бошанд. Аз ҷумла, муаллиф асоснок менамояд, ки феҳристи расмии усулҳои тактикӣ дар қонунгузорӣ пешбинӣ намудани онҳо мувофиқи мақсад нест. Ин мавқеъ аз ҷиҳати назариявӣ қобили қабул мебошад, вале дар автореферат масъалаи таҳияи санадҳои тавсиявӣ (дастурамалҳои методӣ ё стандартҳои касбӣ), ки метавонанд истифодаи якхелаи усулҳои тактикиро дар амалияи мақомоти тафтишоти пешакӣ таъмин намоянд, ба таври кофӣ инъикос наёфтааст. Ба назари мо, баррасии ин масъала метавонист аҳаммияти амалии таҳқиқотро боз ҳам тақвият бахшад. Эроди мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва саҳеҳияти хулосаҳои асосии муаллиф таъсири манфӣ намерасонад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро пурра инъикос намуда, аз сатҳи хуби омодагии илмии муаллиф шаҳодат медиҳад ва ба рушди илми криминалистика ва такмили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат менамоянд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, чунин меҳисобем, ки диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия» ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12 Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
ёрдамчии прокурори ноҳияи Рӯдакӣ,
ҳуқуқшиноси дараҷаи 1 Азамзода А.А.

Имзои Азамзода А.А. – ро тасдиқ мекунам:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
Прокурори ноҳияи Рӯдакӣ,
мушовири адлияи дараҷаи 1 Раҷабзода М.С.

«3» 09 соли 2026

Суроға: 735100, н-Рӯдакӣ, ш-Сомониён, к-И.Сомонӣ 18, e_mail: rudaki@prokuratura/tj
Телефон: тел: 442-21-21, (83137) 2-14-83, факс: 2-16-16,
E-mail: akmal-azamov93@mail.ru